# ТАҚРИЗ

**ба автореферати номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи “Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри хх (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Солҳои 60-70-уми асри XX дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун давраи ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва шаклгирии навовариҳои адабӣ маъруфанд. Ин давра таҳаввулоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва идеологиро дар бар мегирифт, ки дар шеъри тоҷикӣ ба шакл ва мазмун таъсири амиқ гузошт. Адиби соҳибистеъдод Ғоиб Сафарзода, яке аз намояндагони барҷастаи ин давра, дар эҷодиёти худ на танҳо ба масъалаҳои анъанавии шеъри тоҷикӣ рӯ овард, балки бо ҷустуҷӯҳои нави ҳунарӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Таҳқиқи масъалаи ашъори Ғоиб Сафарзода дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ аз масъалаҳоест, ки пайгирии ҷиддиро талаб менамояд ва дар ин замина, аз ҷониби аҳли илм тадқиқотҳои судманд анҷом мёёбанд, ки ҳар яке аз онҳо дар таҳқиқу баррасии мушкилиҳои илми адабиётшиносии тоҷик мавқеи хосса доранд.

Дар ин росто, кори таҳқиқотии муҳаққиқ Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи “Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)” аз он ҷиҳат аҳаммияти хосса дорад, ки баҳсҳои мавҷуда дар атрофи ашъори Ғоиб Сафарзода баррасӣ шуда, арзишҳои ҳунарии осори ӯ таҳлили ҳамаҷониба ёфтааст.

Аз маълумоти дар автореферат дарҷшуда бармеояд, ки диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия дар мавзуи “Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар

мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" бармеояд, ки кори илмии пешниҳодшуда ба таври возеҳ ба се самти асосӣ равона шудааст:

Масъалаҳои иҷтимоӣ: Адабиёти тоҷик дар солҳои 60-70-уми асри бист марҳилаи наверо бо мушаххасбаёнӣ, тозакорию навҷӯӣ, нигоҳи тоза ба мавзуъҳои сиёсию иҷтимоӣ ва талошҳое барои бедории миллӣ тай намуд. Ғоиб Сафарзода дар эҷодиёти хеш ба масъалаҳои иҷтимоӣ, мисли нақши инсон дар ҷомеа, тақдири миллат ва арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст.

Муаллиф дар шеъри солҳои 60-70 даҳҳо намунаи хурди маснавиро шоҳид гаштааст, ки теъдоди абёташон зиёд нест, вале хатти сужети онҳо аз оғоз то анҷом як воқеаи муҳимми иҷтимоиро дар шакли мухтасар ифода намудаанд.

Фалсафа ва муҳаббат: Гарчанде қабл аз солҳои 60 рубоӣ як навъ моҳияти фалсафӣ ва ҳикматнокии худро дар шеъри бисёре аз шоирон аз даст дода буд, дар солҳои 60-70-ум дубора мақоми аслии худро касб кард. Шеърҳои Ғоиб Сафарзода на танҳо маънии зоҳирӣ доранд, балки андешаҳои амиқи фалсафӣ ва инсоншиносиро низ инъикос мекунанд.

Ҳувият ва ватанпарварӣ: Дар ашъори шоир Ватан ҳамчун мафҳуми муқаддас ва меҳвари асосии андешаҳояш ҷой гирифтааст. Аносири табиат, зиндагии мардумони деҳ, ишқу зебоӣ, симои воқеии зан-модар, бачагӣ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба осори гузаштагон, посдории фарҳангу забон, муҳаббат ба Ватан, шинохти миллӣ ва расидан ба асли хеш дар шеъри ӯ ҷараёни густурда дорад. Нуфузи унсурҳои деҳ дар шеъри ӯ як навъ хусусияти муқаддимавиро барои васфи Ватан (ба маънии васеъ) касб мекунад, ки аз таҷрибаҳои андӯхтаи ӯ дар ин роҳ маҳсуб мeёбад. Муҳаббат ба зодгоҳ дар шеъри ӯ рафта-рафта ба ватани умумӣ пайванд мехӯрад.

Метавон гуфт, ки саҳми муҳаққиқ Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар шинохти ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX ва махсусан эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар манзари нақди адабии тоҷик ва арзёбии мақоми ӯ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70 дар адабиёти муоисри тоҷик назаррас мебошад.

Аз мухтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф бо сабки хуби илмӣ ошно буда, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқотӣ ҷанбаҳои муҳимми шеъри Ғоиб Сафарзодаро равшан намуда, бо он вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комёб гардидааст.

Рисолаи илмии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландаровичро дар мазуи "Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри хх (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)" тадкиқоти пурраи анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ аст.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии
давлатииназди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент Додихудоев Р.М.

Сана: 30.12.2024
ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, куч. Рустам Амакӣ-2
bestmuslim@mail.ru (+992) 107000104

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

Суроға: шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир 33.
Телефон: (372) 24 8945
Сана: 30.12.2024